ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 400/ш ш. Душанбе

Дар бораи додани унвони илмии дотсент

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 3, 6, 49, 59, 64 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Муҳамадизода Амриддин Муҳамади ба унвони илмии дотсент аз рӯйи самти илмҳои «География» сазовор дониста шавад.
2. Ба Муҳамадизода Амриддин Муҳамади шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад.
3. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмиро барасмият дарорад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Файфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ